Ме 4(Нем)
Г-69



## ПАРИИ ОБӢ

Буд набуд як замоне дар як кишваре осиёбоне буд. Вай бо занаш бофароғат ва серу пур зиндагӣ мекард. Пулу моли зиёд дошт ва сарваташ сол аз сол меафзуд. Вале фалокат аз таги пой мебарояд: ногаҳон сарвати ӯ кам шудан гирифту рӯзе расиду дар дасташ фақат осиёбаш монд. Осиёбон ғамгин гашт, шабҳо хобаш намебурду аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегашт ва фикру хаёл мекард.

Рӯзе саҳаргоҳон пеш аз тулӯъи офтоб осиёбон аз хоб хесту барои гаштугузор ба берун баромад. Вақте ки аз болои кӯпруки осиё мегузашт, аввалин нурҳои офтоб дурахшиданд ва осиёбон садои шалаппаси обро шунид. Нигоҳ карду зани нозанинеро дид, ки аз об мебаромад. Зан бо дастони нозукаш мӯйҳои дарозашро бардошта дар болои китфаш нигоҳ медошт ва мӯйҳои дарозу гуллӣ тани сафедашро пӯшида буданд. Осиёбон фахмид, ки он зан парии обӣ аст. Ӯ тарсида буду намедонист, ки чӣ кор кунад: гурезад ё дар ҷояш истад. Ногаҳон овози маҳини парӣ ба гӯшаш расид, ки номи осиёбонро ба забон оварда ва пурсид, ки чаро ғамгину хаёлолуд аст. Аввал осиёбон даҳон кушода натавонист, вале баъдтар садои меҳрубононаи париро шунида далертар шуд ва нақл кард, ки пештар чи гуна сарватдор буду акнун бечораю бенаво шудааст.

— Ғам нахӯр, — гуфт парӣ, — ман туро аз пештара ҳам сарватмандтару хушбахттар мекунам, вале аввал ту ваъда деҳ: он чизе ки ҳоло дар хонаи ту таваллуд шудааст, ба ман медиҳӣ.

«Он чӣ бошад? — фикр кард осиёбон. — Албатта, ягон сагча ё гурбача аст». Ва ваъда дод, ки парӣ ҳар чиро хоҳад, медиҳад. Парӣ боз дар зери об пинҳон шуд ва осиёбон бо хотири ҷамъ ва хурсандона ба сӯи хонааш равон шуд. Ҳоло ба манзил нарасида, ба пешвозаш хизматгорзан баромаду гуфт.

— Шодиёна диҳед, занатон писар таваллуд кард!

Осиёбон дар ҷояш шах шуда монд ва фаҳмид, ки парии обӣ ӯро фиреб додааст. Бо сари хам ба сари бистари занаш омад. Занаш пурсид:

— Чаро ту аз писардор шуданат хурсанд нестӣ?

Мард ҳодисаро нақл кард ва ваъдаи ба парии обӣ додаашро ҳам гуфт.

— Ба ман сарвату боигарӣ чӣ лозим, агар маҷбур бошам, ки бар ивазаш писарамро диҳам? — илова кард осиёбон: — Акнун чӣ кор кунам?

Хешу табоinitialонаш барои муборакбодӣ омаданд, вале онҳо низ намедонистанд, ки чи маслиҳат диҳанд.

Дар чунин ҳол, хушбахтӣ боз ба хонаи осиёбон баргашт, ҳар коре, ки сар мекард, бобарор буд. Чунин менамуд, ки сандуқҳо худ аз худ аз мол





ҳаво атрогин буд, дар марғзори пур аз сабзаю гулҳои рангоранг кулбаи майдаяки озодае меистод. Зан ба кулба наздик шуду дарро кушод. Дар он ҷо пиразани сарсафеде нишаста буду меҳрубонона ба зан сар такон медод. Дар ҳамин асно, зани бечора бедор шуд.

Саҳар шуда буд. Зан хост, ки мувофиқи хоби дидааш амал намояд. Бо мушкилӣ ба қуллаи кӯҳ баромад. Пиразан ӯро бо меҳрубонӣ пешвоз гирифт.

— Маълум, ки нохушие ба сарат омадааст, — гуфт кампир. — Ба кулбаи ман бо чӣ ният омадӣ?

Зан ашкрезон саргузаштащро нақл кард.

— Ором шав. — гуфт пиразан, — ман ба ту ёрӣ медиҳам. Ин шонаи тиллоро бигир. Вақте ки моҳи пурра баланд мешавад, ба соҳили кӯл рав. Бо ин шона мӯйсаратро шона зан. Баъд шонаро дар лаби об мон ва бин, ки чӣ мешавад.

Зани шикорчӣ баргашту мунтазири нимашаб шуд. Ниҳоят, моҳи дурахшон баромад. Зан ба соҳили кӯл омада нишаст ва бо шонаи тилло мӯйсарашро шона зад. Баъд шонаро ба лаби об гузошт. Ногаҳон оби кӯл ба хурӯш омаду мавҷ бархосту ба соҳил зад ва шонаро бурд. Чун шона ба қаър расид, аз қаъри кӯл сари шикорчӣ намоён шуд ва ҳарфе нагуфта ғамгинона ба занаш нигарист. Ҳамин лаҳза мавҷи дигаре омаду



шавҳари занро ба зери об бурд.

Боз оромӣ барқарор гашту оби кӯл ҳамвору сокит шуд ва фақат акси моҳ дар сатҳи об медурахшид.

Зан ноумед баргашту дар хобаш боз кулбаю пиразанро дид. Субҳи дигар ӯ боз ба сӯи кӯҳ раҳсипор гардид. Ғаму дарди худро ба кампир баён кард. Кампир ба зани шикорчӣ найи тиллоро доду гуфт:

— Боз ба соҳили об рав. Вақте ки моҳ баромад, бо ҳамин най оҳанги дилфиреберо навоз. Баъд найро дар соҳил гузор ва бин, ки чӣ мешавад.

Зан рафту ҳамин корро кард. Оби кӯл ба ҷӯшу хурӯш даромад, мавҷи баланде бархосту найро бурд. Баъд аз чанде аз қаъри кӯл нафақат сар, балки ними пайкари шикорчӣ пайдо шуд. Ӯ бо ҳавас дастонашро ба сӯи занаш дароз кард, вале мавҷи дигаре бархосту мардро ба қаъри кӯл бурд.

Зани бадбахт фиғон баровард:

— Оҳ, чӣ фоида аз он ки шавҳарамро лаҳзае бинаму боз гум кунам!

Зан гирифтори ғаму андӯҳ шуд, вале бори севвум дар хоб кулбаю пиразанро дид. Ӯ боз ба роҳ баромад. Пиразан ба зани шикорчӣ чархи калобаресии тиллоро дод ва гуфт:

— Босабр бош, ҳоло кор тамом нашудааст. Вақте



ки моҳ баромад, чархро гиру дар соҳил бишин ва як калоба ресмон бирес. Баъд чархро дар соҳили об гузор ва бубин, ки чӣ мешавад.

Зан ҳамин тавр ҳам кард. Вақте ки калобаро ресида тамом кард, чархро ба соҳили об гузошт. Мавҷи аз пештара ҳам калонтаре бархосту чархро бурд. Ҳамон лаҳза аз зери об аввал сар ва баъд тамоми бадани шикорчӣ пайдо шуд. Шикорчӣ зуд ба соҳил давида баромад ва дасти занашро гирифту ҳарду гурехтанд. Онҳо чанд қадам гузошта буданд, ки тамоми оби кӯл мавҷзанон ба ҳаво бархост ва аз соҳил ба берун рехт. Гурезагон эҳсос карданд, ки ҳоло ғарқ шуда, нобуд мегарданд. Зан бо тарсу ҳарос фарёд зада пиразанро ба кӯмак даъват кард. Ва ҳамон лаҳза шавҳар ба қурбоққа ва зан ба ғук табдил ёфтанд. Мавҷи об ба онҳо расид, вале ғарқ карда натавонисту аз ҳам ҷудо карда ба дуродур бурд.

Вақте ки об пас рафту онҳо пой ба хушкӣ гузоштанд, ҳардуяшон боз симои одамӣ ба худ гирифтанд. Вале яке намедонист, ки дигаре дар куҷо аст. Онҳо дар байни одамони бегонае афтода буданд, ки ҳеҷ кас ватани онҳоро намедонист. Зану шавҳарро кӯҳҳои баланд ва дараҳои чуқур аз ҳам ҷудо мекарданд. Барои он ки тавре рӯзашонро гузаронанд, ҳарду ба чӯпонӣ машғул шуданд. Солҳои дароз онҳо бо ғаму андӯҳ рамаҳоро дар кӯҳу саҳро чаронданд.

Боре фасли навбаҳорон зану шавҳар дар як рӯз ба чарогоҳ баромаданд ва тасодуфан ба сӯи ҳамдигар ҳаракат карданд. Мард дар доманакӯҳе рамаеро дид ва гӯсфандонро ба ҳамон тараф ронд. Зану шавҳар бо ҳам вохӯрданд, вале ҳамдигарро нашинохтанд. Аммо хурсанд буданд, ки дигар танҳо нестанд. Аз ҳамон вақт онҳо якҷоя рамаҳоро мечаронданд. Кам гап мезаданд, вале дили худро таскинёфта эҳсос мекарданд. Боре шомгоҳон вақте ки дар осмон моҳ медурахшиду гӯсфандон дар истироҳат буданд, чӯпон аз халтааш найро бароварду оҳанги зебо, вале ғамангезро навохт. Чӯпон навохтанро тамом карду дид, ки зан бо ҳасрат ашк мерезад.

— Чаро гиря мекунӣ? — пурсид мард.

— Оҳ, — гуфт зан, — як замоне ҳамин тавр моҳ дар осмон медурахшид ва ман бори охир ҳамин оҳангро бо най навохтам ва аз қаъри об сари шавҳари маҳбубам пайдо шуд.

Мард ба зан нигарист ва гӯё парда аз чашмаш афтоду занашро шинохт. Вақте ки зан ҳам дар равшании офтоб ба мард нигарист, шавҳарашро шинохт. Онҳо ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд ва бӯсиданд. Оё онҳо хушбахт шуданд? Ҳоҷати пурсидан ҳам нест!